**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ДАСТУРАМАЛИ ЛИБОСҲОИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ ХОНАНДАГОНУ ДОНИШҶӮЁН ВА ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе
«ЭР-граф»
2018**

ББК 92Я2+63.5(2 тоҷик)+37.24+37.248+74.58
Д-26

**Дастурамали либосҳои тавсиявӣ барои хонандагону донишҷӯён ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон**. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. - 236 с.

ISBN 978-99975-69-57-8

© Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018.

# МУНДАРИҶА

Муқаддима ........................................................................................4

**Фасли 1.** Либосҳои тавсиявӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ....................7

**Фасли 2.** Либосҳои тавсиявӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ.......................................77

**Фасли 3.** Либосҳои махсус ..........................................................134

**Фасли 4.** Либосҳои тавсиявӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ.........................................................................154

**Фасли 5.** Либосҳои тавсиявӣ барои ҷашну маросимҳои фарҳангию фароғатӣ ....................................................202

**Фасли 6.** Либосҳои тавсиявӣ барои кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он............................231

Хотима ...............................................................................................235

# МУҚАДДИМА

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва таъмини сулҳу субот рукнҳои давлатдорӣ ва фарҳанги миллии худро дубора эҳё карда, мақоми шоистаро дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо намуд. Яке аз рукнҳои фарҳанги миллӣ ин дубора эҳё шудани либос ва тарзи пӯшидани он буда, риояи рукни мазкур барои ҳамаи шаҳрвандони кишвар муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар баробари либоси миллӣ, ки тӯли қарнҳо бо назардошти хусусиятҳои миллӣ омода ва мавриди истифода қарор дорад, либоси расмии корӣ низ барои кормандони тамоми соҳаҳо, аз ҷумла намояндагони соҳаи маорифи кишвар, бо мақсади муаррифӣ намудани соҳаи мазкур омода карда шуд, ки таассуроту назари шаҳрвандонро нисбат ба ин табақаи ҷомеа, яъне ба хонандагону донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он муайян менамояд. Пӯшидани либоси расмӣ ва фарҳангӣ ифодагари орзую омол ва пиндорҳои одамон барои наздик шудан ба ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ ва пазируфтани тамаддуни муосир мебошад.

Зарурати омода намудани либосҳои намунавии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва банди 4-и «Қоидаҳои донишҷӯӣ барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми октябри соли 2006, № 32/3) таъкид гардидааст.

Бо мақсади ба низом даровардани раванди пӯшидани либоси мувофиқ аз ҷониби хонандагон, донишҷӯён, омӯзгорон ва ҳамзамон кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои тобеи он бо ҷалби мутахассисон дар асоси Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», низомномаҳои намунавии муассисаҳои таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардид.

Бо дарназардошти он ки Вазорати маориф ва илм татбиққунандаи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф мебошад, лозим диниста шуд, ки дар дастурамали мазкур, ҳамзамон фасли алоҳидае ба либосҳои тавсиявии кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он бахшида шавад.

Либосҳои тавсиявӣ дорои хусусияти хос буда, дар такмили тарбияи ахлоқӣ, эстетикӣ ва маънавии хонандагону донишҷӯён, болоравии худшиносӣ ва ифтихори миллии онҳо нақши асосӣ мебозад. Пӯшидани либоси тавсиявӣ дар замири хонандагон ва донишҷӯён ҳисси баланди зебоипарастӣ, ифтихори ватандорӣ, хештаншиносӣ, одобу ахлоқи намунавӣ, озодагии хулқу атвори ҳамидаро тарбия намуда, онҳоро водор месозад, ки нисбат ба либосҳои миллӣ ҳамчун арзишҳои миллӣ арҷгузор бошанд.

Либосҳои тавсиявӣ вобаста ба фаслҳои сол ва мавсимҳо (тирамоҳӣ, зимистона ва баҳорию тобистона) муайян ва гурӯҳбандӣ шудаанд. Инчунин, либосҳо вобаста ба зинаҳои таҳсилот ба либосҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва аз рӯйи синну сол барои омӯзгорони ҷавони истиқоматкунандаи шаҳр, деҳот (то 40-сола) ва омӯзгорони синну соли миёна (аз 40-сола боло) ва мардонаю занона барои ҳамаи синну сол тақсим шудаанд.

Тарроҳон ба тарзи дӯхт ва шакли либосҳои муайяншуда тибқи талаботи замони муосир иловаҳо ворид карда, аз нигоҳи сифат онҳоро боз ҳам беҳтар кардаанд, ки ин дар навбати худ арҷгузорӣ ба суннатҳои миллӣ ва эҳтиром ба халқу миллат буда, ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ маҳсуб меёбад.

Либосҳои кормандони соҳаи маориф дар баробари дигар сохторҳои мақомоти давлатӣ ба навъҳо ҷудо шуда, ба либосҳои расмӣ, ҷашнӣ (идона), фароғатӣ, истироҳатӣ, соҳавӣ, театрӣ ҷудо мешаванд.

Пӯшидани либосҳои тавсиявӣ баробарии хонандагонро дар муассисаи таълимӣ таъмин менамояд. Либосҳои мазкур бояд аз матоъҳои пахтагину пашмин ва абрешимин омода карда шаванд. Барои нарасонидани таъсири манфӣ

ба саломатии кӯдакон истифодаи либосҳое, ки аз матоъҳои сунъӣ (синтетикӣ) омода карда мешаванд, тавсия дода намешавад.

Дар тарҳ ва дӯхти либосҳо арзишҳои миллӣ ба инобат гирифта мешаванд. Дар интихоби рангу матоъ, нақшу нигор, тарзи дӯхт ва пӯшидани либосҳо стандарти муайян муқаррар гардидааст.

Ба донишҷӯдухтарон нишастан бо тоқӣ дар дарс иҷозат дода мешавад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода ва риояи дастурамали мазкурро ҳатмӣ мешуморад. Ҳамзамон, мутобиқи моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модар уҳдадоранд, ки риояи пӯшидани либосҳои расмии мактабиро аз ҷониби фарзанд дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин ва назорат намоянд.

Тибқи банди 94-и «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2016, №237 тасдиқ карда шудааст, маъмурияти муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон уҳдадоранд, ки дар ҳолатҳои аз ҷониби хонандагон халалдор шудани тартиботи дохилии муассисаи таълимӣ, ба дарсҳо бе тайёрӣ омадан ва напӯшидани сарулибоси тавсиявӣ, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-ро сари вақт ба таври хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намоянд.

Дастурамали номбурда хусусияти тавсиявӣ дошта, барои ба танзим даровардани тарзи либоспӯшии расмӣ - корӣ ва гирифтани пеши роҳи ҳар гуна хурофоту бегонапарастӣ равона шудааст.

# ФАСЛИ 1.
# ЛИБОСҲОИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ ВА ИБТИДОИИ КАСБӢ

Либосҳои тавсиявии хонандагон бояд аз матоъҳои пахтагину пашмин ва абрешимин омода карда шаванд. Ба хотири ба саломатии хонандагон таъсири манфӣ нарасонидан истифодаи либосҳои аз матоъҳои сунъӣ (синтетикӣ) дӯхташуда тавсия дода намешавад.

Барои хонандагон ҳангоми ба дарс омадан бо худ гирифтани ҷузвгир ҳатмӣ мебошад.

Ҳангоми сард будани синфхонаҳо дар раванди дарс ба хонандагон бо либоси гарми зимистона нишастан тавсия дода мешавад.

## 1.1. ЛИБОСҲО ДАР НИМАИ ЯКУМИ ФАСЛИ ТИРАМОҲ

Барои духтарон: домани сиёҳ ё кабуди сиёҳранги аз матои пахтагини аз зону поён; куртаи остинкӯтоҳ ва остиндароз; костюми сиёҳ ё кабуди сиёҳранг; куртаи сафед; ҷӯроби сафед; (барои хонандагони синфҳои 8-11-уми минтақаҳои кӯҳистон ихтиёрист) куртаҳои якранги пахтагин; рӯймоли миллӣ; пойафзол мувофиқ ба сарулибос.

Барои писарон: шиму костюми сиёҳ, кабуди сиёҳранг; куртаи сафед ва ё кабуди осмонӣ; галстук (ба истиснои галстуки сиёҳранг); пойафзол мувофиқ ба сарулибос.





















































## 1.2. ЛИБОСҲО ДАР НИМАИ ДУЮМИ ФАСЛИ ТИРАМОҲ

**Барои духтарон:** домани сиёҳ ё кабуди сиёҳранги аз матои пахтагину пашмини аз зону поён; шими сиёҳ, сиёҳранг; куртаи остинкӯтоҳ ё остиндароз; костюми сиёҳ ё кабуди сиёҳранг; куртаи сафед; куртаҳои якранги пахтагин ва ё жемперҳои сабуки пашмин; рӯймоли миллӣ (барои хонандагони минтақаҳои кӯҳистон – ихтиёрӣ); ҷӯроби сафед; пойафзоли якранги мувофиқ ба сарулибос.

**Барои писарон:** шиму костюми сиёҳ, сиёҳранг; куртаи сафед ва ё кабуди осмониранг; пойафзоли сиёҳ.

























































## 1.3. ЛИБОСҲОИ ЗИМИСТОНА

**Барои духтарон**: домани сиёҳ ё кабуди сиёҳранги аз матои пахтагин ё пашмин дӯхташудаи аз зону поён; куртаи сафед; костюми ҳамранги доман; шиму костюми сиёҳ ва ё кабуди сиёҳранг бо куртаи сафед (либосе, ки пойҷомаро иваз мекунад); рӯймоли миллӣ (барои хонандагони минтақаҳои кӯҳистон – ихтиёрӣ); кулоҳ, болопӯши гарм; пойафзоли зимистона (мӯза, ниммӯза), дастпӯшак ва чатр.

**Барои писарон**: шиму костюми сиёҳ, шиму костюми кабуди сиёҳранг; куртаи сафед; галстук; жемпер; кулоҳ; болопӯши гарм. Пӯшидани ниммӯза, мӯза ва дигар намуди пойафзоли зимистона тавсия дода мешавад.









































## 1.4. ЛИБОСҲО ДАР НИМАИ ЯКУМИ ФАСЛИ БАҲОР

**Барои духтарон:** домани сиёҳ ё кабуди сиёҳранги аз матои пахтагин дӯхташудаи аз зону поён; куртаи остинкӯтоҳ ва остиндароз; костюми сиёҳ ё кабуди сиёҳранг ва ё камзулча (жакет)-и ҳамранги доман; рӯймоли миллӣ (барои хонандагони минтақаҳои кӯҳистон – ихтиёрӣ). Дар фасли баҳор ҳангоми ҷашнҳои миллӣ, пӯшидани куртаву пойҷомаи миллӣ (атлас, адрас, чакан, алоча ва ғ.) иҷозат дода мешавад. Духтарон метавонанд ба мӯйи худ лентаи ороишии сафед, сурху кабуд банданд. Пойафзоли якранг, мувофиқ ба сарулибос. Барои духтарони синфҳои 1–4-ум пешдоман (фартук), нишони созмони хонандагон ва галстуки созмони хонандагон тавсия мегардад.

**Барои писарон**: шиму костюми сиёҳ, сиёҳранг; камзулча (жакет)-и ҳамранги шиму костюм; куртаи сафед ва ё кабуди осмониранг; пойафзоли якранги мувофиқ ба сарулибос.

































## 1.5. ЛИБОСҲО ДАР НИМАИ ДУЮМИ ФАСЛИ БАҲОР

**Барои духтарон**: домани сиёҳ ё кабуди сиёҳранги аз зону поёни пахтагин; куртаи сафеди остинкӯтоҳ ва ё остиндароз; либоси миллӣ ҳангоми ҷашнҳои миллӣ; тоқича; рӯймоли миллӣ (барои хонандагони минтақаҳои кӯҳистон – ихтиёрӣ). Поайфзоли якранги мувофиқ ба сарулибос. Духтарон метавонанд ба мӯйи худ лентаи ороишии сафед, кабуд ва ё сурх банданд.

**Барои писарон**: шими сиёҳ ё кабуди сиёҳранг; куртаи сафеду кабуди осмонии остиндароз ва ё остинкӯтоҳ; шими сиёҳ бо куртаи сафед. Шими сиёҳ ё кабуди сиёҳранг, куртаи сафед, поайфзоли якранги сиёҳ.

Вобаста ба зинаи созмони хонандагон бастани галстук ва овехтани нишони созмони хонандагон ҳатмист.




























## БА ДУХТАРОН МАНЪ АСТ:

– ба дарс омадан бо либосҳои варзишӣ (ба истисноӣ дарси тарбияи ҷисмонӣ ва рӯзҳои ҳашар);

– бо либосҳои нимбараҳна, даридаю шикофтаи мӯдшуда;

– бо либосҳои ғайримиллии хоси фарҳанги бегона, дорои ҳар гуна навиштаҷот ва парчаму рамзҳои дигар давлатҳо (аз қабили либосҳои танги суратдор, нимурён, доманҳои аз ҳад зиёд танг ва кӯтоҳ, либосҳои варзишӣ ва нимостинҳои тасвирдор, куртаҳои пур аз навиштаҷот, шимҳои суратдору гулдор, сатр, ҳиҷоб, шарфҳои дароз);

– бо овехтани зиёда аз як гӯшвор, гӯшвори калони дароз дар гӯш;

– бо либосҳои сунъӣ (синтетикӣ)-и қиматбаҳо;

– бо рангубори рӯю лаб ва чашму абрӯвон;

– бо нохунҳои рангкардашуда ва расида;

– бо расму тасвирҳои дар дасту пой ва рӯю бадан холкӯбишуда;

– бо овехтани ҳар гуна ҷавоҳирот дар бинию гардан, абрувону пешонӣ ва дасту пой;

– бо насби ҳар гуна ороишоту сангҳо дар куртаву либосҳои тавсиявӣ ва ғайра.

## БА ПИСАРОН МАНЪ АСТ:

– ба дарс омадан бо либосҳои варзишӣ (ба истисноӣ дарси тарбияи ҷисмонӣ ва рӯзҳои ҳашар);

– бо мӯйи дароз;

– бо риши расида;

– бо нохуни расида;

– бо либосҳое, ки таблиғоти фарҳанги бегона доранд, дорои ҳар гуна навиштаҷот ва парчаму рамзҳои дигар давлатҳо (аз қабили шимҳои ҳарранга, пероҳанҳои варзишии суратдор, куртаҳои тасвирдор);

– бо ангуштарин, занҷири гардан ва дастпонаи тиллоӣ ё нуқрагин;

– бо овехтани гӯшвор;

– бо шими ҷинс, велвет ва дигар либосҳои аз матоъҳои сунъӣ (синтетикӣ) омодашуда, ба истисноӣ фасли зимистон;

– бо шиму куртаҳои даридаву харошидаи мӯдшудаи кӯчагӣ, бо тасвиру суратҳои дар сару рӯю бадан холкӯбишуда; бо нимшим, ба истилоҳ шортик ва куртаҳои кӯтоҳ, шимҳои чармини тангу кӯтоҳ;

– бо пойафзоли кӯчагӣ, аз қабили калӯш ва ғайра.

## ЛИБОСҲОИ МАХСУС

Барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ дар раванди дарсҳои амалӣ ва лабораторӣ пӯшидани либосҳои махсуси корӣ иҷозат дода мешавад.

## ТАЛАБОТИ ДИГАРИ ҲАТМӢ

Рӯзҳои ҷашнҳои давлатӣ, ҷумҳуриявӣ, ҷашнҳои муассисаи таълимӣ, конфронсу симпозиумҳо пӯшидани либоси протоколӣ барои хонандагону омӯзгорон ҳатмӣ мебошад.

Ба либоси протоколии писарон шиму костюми сиёҳ, кабуди торик, куртаи сафед, галстукҳои созмонҳои хонандагон (синфҳои 5–9), галстуки сиёҳ ва кабуди сиёҳранг (синфҳои 10–11) туфлии сиёҳ ё ҷигариранг дохил мешавад.

Ба либоси протоколии духтарон домани сиёҳу кабуди сиёҳранги аз зону поён, куртаи остиндор ва остинкӯтоҳи сафед, галстук, костюм, шиму костюм, куртаи остиндори сафед, туфлии пошнадори пасту баланди сиёҳ дохил мешавад.

Духтарон метавонанд либоси миллӣ (адрас, атлас, чакан, алоча) бо пойҷома ва тоқича ба бар карда, пойафзоли пошнадори якранги мувофиқ ба сару либос пӯшанд.

Дар дарс бо либосҳои варзишӣ, шими ҷинс ва дигар намуди либоси ғайримактабӣ нишастани хонандагон манъ аст. Танҳо дар вақти дарси тарбияи ҷисмонию рӯзҳои ҳашар пӯшидани либос ва пойафзоли варзишӣ (футболка, бриҷ ва кроссовкаву кед) ва дигар намуди либосҳо иҷозат дода мешавад.

Бо нишони созмони хонандагон омадани аъзои созмони хонандагон ҳатмӣ мебошад.

Дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) истифодаи пешдоман, хилъат, дастпӯш, айнаки ҳифзкунанда тавсия мешавад.

Дар дарсҳои лабораторӣ, машғулиятҳои амалӣ истифодаи хилъати сафед тавсия мешавад.

Барои духтарони тамоми зинаҳои таҳсилоти умумӣ дар мавсими зимистон бастани рӯймоли миллӣ ихтиёрӣ аст.
















Дўзанда







# ФАСЛИ 2.
# ЛИБОСҲОИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБӢ

Либосҳои тавсиявӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тартиби пӯшидани либосро барои донишҷӯёни ин зинаи таҳсилот таъмин менамояд. Либо бояд аз матоъҳои пахтагину абрешимин ё худ пашмин, ки барои саломатии инсон безарар аст, омода карда шавад. Барои нарасонидани таъсири манфӣ ба саломатии донишҷӯён истифодаи либосҳои аз матоъҳои сунъӣ (синтетикӣ) омодашуда тавсия дода намешавад.

Донишҷӯён вазифадоранд, ки ҳангоми ба дарс омадан бо худ ҷузвгир дошта бошанд.

Ҳангоми сард будани синфхонаҳо дар дарс ба донишҷӯён бо либоси гарми зимистона нишастан тавсия дода мешавад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барои донишҷӯён истифода бурдани дафтару ашёи хонише, ки дар онҳо расму суратҳои нимурён, аксҳои гуногун аз филмҳои хориҷии талқинкунандаи зӯроварӣ ва барангезанда, инчунин мусаввара ва аксҳои тарғибгари фарҳанг ва идеологияи бегона, парчаму нишон ва рамзҳои дигар кишварҳо тасвир шудаанд, манъ мебошад.

## 2.1. ЛИБОСҲО ДАР НИМАИ ЯКУМИ ФАСЛИ ТИРАМОҲ

**Барои духтарон:** доман ва либоси занонаи аз зону поён; куртаҳои гуногун (сафед, кабуди осмонӣ, гулобӣ), шиму костюм бо куртаи сафеди остиндор. (Куртаҳои миллӣ бо пойҷома ва ё бе пойҷома, ба истисноии куртаю пойҷомае, ки аз матоъҳои ҷилодор ва симдор дӯхта шудаанд. Пӯшидани рӯймоли миллӣ ва тоқӣ барои донишҷӯёни минтақаҳои кӯҳистон ихтиёрист); куртаҳои якранг бе пойҷома ва ё бо пойҷома (рӯймоли миллӣ мувофиқи ранги дӯхти курта барои донишҷӯёни минтақаҳои кӯҳистон (ихтиёрӣ); пойафзоли пошнадори ҳамранги сару либос.

**Барои писарон:** шиму костюми сиёҳ (кабуд, кабуди сиёҳранг, қаҳваранг); куртаи сафед (кабуди осмонӣ); галстук мутобиқ ба курта ё костюм (ба истисноии ранги сиёҳ); шими сиёҳ (кабуд, кабуди сиёҳранг, қаҳваранг) бо куртаи сафед ё кабуди осмонӣ; пойафзоли мувофиқ ба сарулибос.



































































## 2.2. ЛИБОСҲО ДАР НИМАИ ДУЮМИ ФАСЛИ ТИРАМОҲ

Барои духтарон: домани аз зону поён; шиму костюм; куртаи остинкӯтоҳ ва ё остиндарози рангашон гуногун (галстук ихтиёрист); болопӯши шинам; куртаи миллӣ (ба истисснои куртаҳое, ки аз матоъҳои ҷилодору симдор дӯхта шудаанд), бе пойҷома ва ё бо пойҷома (ихтиёрӣ); рӯймоли миллии ба мавсим мувофиқ (ихтиёрӣ); пойафзоли пошнадори мувофиқ ба сарулибос.

Барои писарон: шиму костюми сиёҳ (кабуд, кабуди сиёҳранг, қаҳваранг); камзӯлча (жакет); сегона (тройка); куртаи сафед (кабуди осмонӣ); галстук мутобиқ ба курта ё костюм; жемпер; пойафзоли мувофиқ ба сарулибос.
































## 2.3. ЛИБОСҲОИ ЗИМИСТОНА

**Барои духтарон**: доман ва либоси занонаи аз матоъҳои пашмин ё пахтагӣ дӯхташуда (аз зону поён), шиму пичаки аз матоъҳои пашмин ва пахтагӣ дӯхташуда; шалвори дӯхти махсус, ки бо мӯза мепӯшанд; либосҳои миллии якранги зимистона бо пойҷома ва ё бе пойҷома (ихтиёрӣ); рӯймоли миллии мавсимӣ (ихтиёрӣ); кулоҳ (пашмӣ ва пахтагӣ); болопӯши шинам; дастпӯшак; пойафзоли зимистона;.

**Барои писарон:** шиму костюм; куртаи сафед (кабуд), галстук мутобиқ ба курта ё костюм; болопӯш; дастпӯшак; кулоҳ; пойафзоли зимистона.





















## 2.4. ЛИБОСҲО ДАР НИМАИ ЯКУМИ ФАСЛИ БАҲОР

**Барои духтарон**: доман ва куртаҳои занонаи аз зону поён; пироҳани остин-кӯтоҳ ва ё остиндор; шиму пиҷак (галстук ихтиёрист); куртаҳои якранги миллӣ бо пойҷома ва ё бе пойҷома (ихтиёрӣ).

**Барои писарон**: шиму костюми сиёҳ (кабуд, кабуди сиёҳранг ва қаҳваранг); сегона (тройка) бо ҳамин навъи рангҳо; куртаи сафед (кабуди осмонӣ); галстук мутобиқ ба курта; пойафзоли мувофиқ ба сарулибос; болопӯши баҳорӣ; жемперҳои нимостин ва беостин.

































## 2.5. ЛИБОСҲО ДАР НИМАИ ДУЮМИ ФАСЛИ БАҲОР

**Барои духтарон**: домани аз зону поён бо пироҳани остинкӯтоҳ (галстук ихтиёрист); шим бо пироҳани остинкӯтоҳ; куртаҳои шинами миллӣ бо пойҷома ва ё бе пойҷома; рӯймолҳои миллӣ, тоқӣ (ихтиёрӣ).

**Барои писарон**: шими сиёҳ (кабуд, кабуди сиёҳранг ё қаҳваранг) шиму костюми бо ҳамин навъи рангҳо; куртаи сафеди остинкӯтоҳ бо галстуки мувофиқ ба сарулибос; пойафзоли мувофиқ ба сарулибос.

Рӯзҳои истироҳат, дар сурати даъвати донишҷӯён ба муассисаи таълимӣ барои иштирок дар шанбегӣ ва якшанбегиҳо интихоби сарулибос озод мебошад.
















































## БА ДОНИШҶӮДУХТАРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБӢ МАНЪ АСТ:

– ба дарс омадан бо либосҳои варзишӣ (ба ғайр аз дарси тарбияи ҷисмонӣ ва рӯзҳои ҳашар);

– бо либосҳои таблиғгари фарҳанги бегона, дорои ҳар гуна навиштаҷот ва парчаму рамзҳои дигар кишварҳоро тасвиркунанда (аз қабили либосҳои танги суратдор, нимурён, доманҳои аз ҳад зиёд танг ва кӯтоҳ, пероҳанҳои варзишӣ ва нимостинҳои тасвирдор, куртаҳои пур аз навиштаҷот, шимҳои суратдору гулдор, сатр, ҳиҷоб, шарфҳои дароз);

– бо овехтани зиёда аз як ҷуфт гӯшвор, дастпонаҳои зиёд, занҷиру гарданбандҳои зиёд ва се-чор ангуштарин дар даст (ба истиснои ангуштарини арӯсӣ);

– бо гӯшвор дар бинӣ, расму ороишоти дар дасту бадану рӯй холкӯбишуда (татуировка), нохуни дароз ва ороишдодашуда.

## БА ДОНИШҶӮПИСАРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБӢ МАНЪ АСТ:

– ба дарс омадан бо либосҳои варзишӣ (ба истиснои дарси тарбияи ҷисмонӣ ва рӯзҳои ҳашар);

– бо мӯйи дароз (ба истиснои ихтисосҳои эҷодии соҳаи фарҳанг бо дастури махсуси роҳбари муассисаи таълимӣ);

– бо риши расида ва баланд (ба истиснои ихтисосҳои эҷодии соҳаи фарҳанг бо дастури махсуси роҳбари муассисаи таълимӣ);

– бо либосҳои дорои ҳар гуна навиштаҷот, расму нигоштаҳои таблиғотии идеология ва расму анъанаҳои дигар кишварҳо ва ё ҳаракату ҳизбҳои хориҷӣ, парчаму рамзҳои кишварҳои дигарро тарғиб ва ё таҷассумкунанда;

– бо шими ҷинс, велвет ва либосҳои сунъии тангу ороишдошта;

– бо шиму куртаҳои даридаву харошидаи мӯдшудаи кӯчагӣ, бо тасвиру суратҳои гуногун, бо нимшим ва куртаҳои кӯтоҳ, кроссовкаву кедҳо (кетӣ) ва шимҳои чармини тангу кӯтоҳ.

# ФАСЛИ 3.
# ЛИБОСҲОИ МАХСУС

Барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар дарсҳои амалӣ ва лабораторӣ пӯшидани либосҳои махсуси корӣ тавсия дода мешавад.












Лабораторный стенд
«Сетевая безопасность»














Лабораторный стенд
«Сетевая безопасность»











## 3.1. ТАЛАБОТИ ДИГАРИ ҲАТМӢ

Рӯзҳои ҷашнҳои давлатӣ, ҷумҳуриявӣ, ҷашнҳои муассисаи таълимӣ, конфронсу симпозиумҳо пӯшидани либоси протоколӣ барои донишҷӯён ҳатмӣ мебошад.

Ба либоси протоколии донишҷӯписарон шиму костюми сиёҳ, кабуди торик, куртаи сафед, галстуки сиёҳ ва кабуди сиёҳранг, туфлии сиёҳ дохил мешавад.

Ба либоси протоколии донишҷӯдухтарон домани сиёҳу кабуди сиёҳранги аз зону поён, куртаи остиндароз ва остинкӯтоҳи сафед, костюм, туфлии пошнадори пасту баланди сиёҳ дохил мешавад.

Духтарон метавонанд либоси миллӣ (адрас, атлас, чакан, алоча) бо пойҷома ва тоқича ба бар кунанд. Поайфзол бояд пошнадори якранги мувофиқ ба сарулибос бошад.

Дар дарс бо либосҳои варзишӣ, шими ҷинс ва дигар намуди либоси ғайримактабӣ нишастани донишҷӯён манъ аст. Танҳо дар вақти дарси тарбияи ҷисмонию рӯзҳои ҳашар пӯшидани либос ва пойафзоли варзишӣ (футболка, бриҷ ва кроссовкаву кедҳо) ва дигар намуди либосҳо иҷозат дода мешавад.

Барои писарон дар рӯзҳои шанбегӣ ба таври истисно пӯшидани шиму костюми ҷинс, велвет, пойафзоли варзишӣ, куртаҳои остинкӯтоҳ ва остиндарози бо либосҳои ҷинс мувофиқ, болопӯш, куртаҳои пахтагину чармин иҷозат дода мешавад. Бо чунин навъи либос бастани галстук тавсия дода намешавад.

# ФАСЛИ 4.
# ЛИБОСҲОИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади арҷгузорӣ ба мақоми омӯзгорон, истифодаи этикет миёни омӯзгорон ва боз ҳам таҳким бахшидан ба ҳусни зебоипарастии омӯзгорон, ба вуҷуд овардани фазои эстетикӣ, инчунин пайравӣ намудани хонандагону донишҷӯён ба тарзи муошират ва либоспӯшии омӯзгорон намунаҳои сарулибоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбиро пешниҳод менамояд, ки онҳо характери тавсиявӣ доранд.

Либоси омӯзгор, тарзи дӯхт ва шинаму мувофиқ будани он барои тарбияи маънавии хонандагон ва донишҷӯён таъсир расонида, дар замири онҳо ҳисси зебоипарастиро бештар менамояд. Хонандагон ва донишҷӯён ҳамеша ба омӯзгорони худ пайравӣ карда, ба тарзи гуфтор, рафтор ва тарзи либоспӯшии онҳо тақлид менамоянд. Барои онҳо маҳз омӯзгор бо фарҳанги баланди худ, тарзи гуфтору рафтор ва озодагиву либоспӯшиаш намуна мебошад.

Бо дарназардошти арзишҳои умумибашарӣ ва риояи анъанаву хусусиятҳои хоси миллии либоспӯшӣ, инчунин стандартҳои ҷаҳонии либосҳои расмии корӣ намуди либосҳои тавсиявӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ бо мувофақаи тарроҳон ва мутахассисон пешниҳод карда мешавад.

## 4.1. ЛИБОСҲОИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ ОМӮЗГОРОН (МУРАББИЁН)

– барои омӯзгорон (мураббиён) - занони маркази шаҳру ноҳияҳо дар рӯзҳои корӣ вобаста ба мавсим: доманҳои аз зону поён; куртаҳои нимтанаи занона (блузка)-и рангашон гуногун; шиму костюми ҳамранги доман; пойафзоли пошнадори миёна мувофиқ ба сарулибос; либосҳои занонаи якранг (платье) ва болопӯши тарҳи классикӣ; дастпӯшакҳо, кулоҳ ва чатр дар фаслҳои мувофиқ;

– барои омӯзгорон (мураббиён) – занон дар деҳот пӯшидани либоси миллӣ аз матоъҳои пахтагини якранг, пойҷома, рӯймол иҷозат дода мешавад.

Омӯзгорзаноне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии деҳот фаъолият менамоянд, метавонанд либосҳои тавсиявиеро, ки барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии марказҳои шаҳру ноҳияҳо тавсия мешаванд, ба бар намоянд.

Дар рӯзҳои ид ва ҷашнҳои миллӣ омӯзгорон (мураббиён) - занон метавонанд аз либосҳои миллӣ атласу адрас, чакан ва куртаю костюмҳои идонаи расмӣ истифода намоянд.

– барои омӯзгорони мард пӯшидани шиму костюми сиёҳ, кабуди сиёҳранг, қаҳваранг, хокистарранг бо куртаи сафед, кабуди осмонӣ, галстук (ба истиснои ранги сиёҳ) ва пойафзоли мувофиқ ба он, болопӯши классикӣ бо рангҳои мувофиқ ба сарулибоси пешниҳодгардида;

– болопӯши тарҳи классикӣ, шарфу дастпӯшакҳо, кулоҳ ва чатр дар фаслҳои мувофиқ тавсия дода мешавад.

– пӯшидани тоқӣ барои омӯзгорони синну солашон аз 50 боло вобаста ба хоҳиши онҳост.

Дар вақти дарс:

– ба омӯзгорони технологияи меҳнат - пӯшидани хилъат ва пешдоман;

– ба омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ - пӯшидани либосҳои варзишӣ;

– ба омӯзгорони тайёрии ҳарбӣ - пӯшидани либоси низомӣ;

– ба омӯзгорони фанҳои химия, физика ва биология ҳангоми гузарондани корҳои лабораторӣ - пӯшидани хилъати сафед тавсия дода мешавад.

Ба омӯзгорон (мураббиён) дар рӯзҳои шанбегӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ пӯшидани либоси озод иҷозат дода мешавад.

## 4.2. ЛИБОСИ РАСМӢ БАРОИ ОМӮЗГОРОН

**Барои омӯзгорони зан**: домани аз зону поёни сиёҳ, кабуди сиёҳранг ва костюми мувофиқ ба ранги доман; куртаҳои нимтанаи занона (блузка)-и ранги сафед; пойафзоли пошнадори миёна мувофиқ ба сарулибос.

**Барои омӯзгорони мард**: шиму костюми сиёҳ, кабуди сиёҳранг бо куртаи сафед; галстук ва пойафзоли мувофиқ ба сарулибос.

Ҳангоми ҷаласаҳои расмӣ, идҳо ва чорабиниҳои илмию фарҳангӣ риояи сарулибоси расмӣ новобаста ба фасли сол ҳатмӣ мебошад.

## 4.3. БА ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ МАНЪ АСТ:

**Барои занон:** пӯшидани либоси танг, кӯтоҳ, нимурён, серранг; курта аз матои ҷилодор, симдор, заркории маснуӣ ва аз ҳад зиёд гулдор; шим ва домани ҷинс; либосҳои хоси мардуми бегона (куртаю пойҷомаи туркӣ ва арабӣ); либоси дарзмолнашуда; истифодаи ороишот ва зебу зиннати зиёд; ҳиҷоб, гарданбанд (шарф).

**Барои мардон:** омадан ба дарс бо ришу мӯйлаби расида; муйи дароз; ҷома; ҷелак.

Истифодаи телефон дар вақти дарс манъ аст.



















































































































































































# ФАСЛИ 5.
# ЛИБОСҲОИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ ҶАШНУ МАРОСИМҲОИ ФАРҲАНГИЮ ФАРОҒАТӢ

Дар рӯзҳои ид ва ҷашнҳои миллӣ хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорон метавонанд аз либосҳои миллии атласу адрас, чакан ва куртаю костюмҳои идонаи расмӣ истифода намоянд.









































































































# ФАСЛИ 6. ЛИБОСҲОИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ КОРМАНДОНИ ДАСТГОҲИ МАРКАЗИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МУАССИСАҲОИ ТОБЕИ ОН

1. Барои кормандон - бонувони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он пӯшидани куртаи сафед бо костюм ва домани ранги сиёҳ, кабуди сиёҳранг, костюми ранги сафеду сурх, атласу адрас бо домани сиёҳ ва домани сиёҳу кабуд бо пироҳани гулобӣ, сафед, сурх, куртаи атлас ва адрас, пироҳани сафед бо шими сиёҳ ва кабуд, пойфзоли пошнадори сиёҳ ва ҳамранги либос тавсия дода мешавад.

2. Барои кормандон (мардҳо)-и дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он пӯшидани шим ва костюми сиёҳ, кабуд, хокистарранг бо куртаи сафед ва галстуки мувофиқ (ба истисноии ранги сиёҳ), пойафзоли сиёҳ тавсия дода мешавад.
















## ХОТИМА

Дастурамали мазкур барои хонандагон, донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф тавсия шуда, риояи он дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ва муассисаю ташкилоти дигари соҳаи маориф ва илм муҳим аст. Ҳамзамон, дар риояи талаботи Дастурамал ҳолатҳои зерин бояд ҳатман ба эътибор гирифта шаванд:

– ҳангоми сард будани синфхонаҳо ба хонандагон бо либоси гарми зимистона дар дарс нишастан тавсия дода мешавад;

– ба дарс омадан бо либосҳои тавсиянашуда манъ аст;

– пӯшидани либосҳои сунъӣ (синтетикӣ)-и қиматбаҳо тавсия дода намешавад;

– рангубори аз меъёр зиёди рӯю лаб, абрӯвон тавсия дода намешавад;

– дар дасту пой рӯю бадан гулкорӣ (наколка) ё холкӯбӣ (татуировка) кардан манъ аст;

– зиёда аз як гӯшвор овезон намудан дар гӯш, овехтани ҳар гуна ҷавоҳирот дар бинию гардан, абрӯвону пешонӣ ва дасту пой манъ аст;

– насб намудани ороишоту сангҳои аз меъёр зиёд дар куртаву либосҳои тавсиявӣ манъ аст.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ба амалӣ ва риоя шудани Дастурамали мазкур мусоидат менамояд.

# ДАСТУРАМАЛИ
## ЛИБОСҲОИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ ХОНАНДАГОНУ ДОНИШҶӮЁН ВА ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ба чоп 25.10.2018 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 $^{1}/_{8}$. Коғази ҷилодор.
Чопи офсет. Гарнитураи Times. Ҷузъи чопии шартӣ 29,5.
Теъдоди нашр 5000 нусха. Супориши №373.

Китоб бо фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
дар ҶДММ “ЭР-граф” чоп шудааст.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: r-graph@mail.ru